ПРОТОКОЛИ №14

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 12 июни соли 2026 ш. Душанбе

Дар маҷлис иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

Раиси шуро: д.и.к., профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025 фармоиши №175/шд, тасдиқ шудааст, 15 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори шуро кӣ чӣ гуна пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки ба кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М., котиби илмии шуро, н.и.к., дотсент Боймуродов Р.Б. ва аъзои шуро д.и.к., профессор Салимзода А.Ф., д.и.к., профессор Қодиров Қ.Ғ., д.и.к., Аминов Ш.Р. пас аз муҳокима нисбати диссертатсия,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии шуро дар ҳайати зерин муайян карда шавад:

- доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Набиев Т.Н., аъзои шурои диссертатсионӣ;

- доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Тошпулотов М.М. аъзои шурои диссертатсионӣ;

- номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Иброҳимов Н.Ш.

3. Ба комиссияи экспертии шуро супориш дода шавад, ки тибқи муқаррароти банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) хулоса пешниҳод намоянд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид**.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.к., профессор Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.к., дотсент Боймуродов Р.Б.

Имзои Маҳмадёрзода У.М. ва Боймуродов Р.Б.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.